# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯъи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Парвариш ва истеҳсоли зироати чормағзи заминӣ дар кишти асосӣ ва ангории заминҳои обии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар таъмини амнияти бехатарии кишвар нақши арзанда мегузорад. Дар айни замон дар хоҷагиҳои фермерӣ, инфиродӣ, иҷоракорон ва аҳолии мамлакат ба киштгардонҳои кутоҳдавр аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд ва сол аз сол ҳосилнокии зироатҳо паст шуда истодааст.

Корҳои илмию таҳқиқотии Бегназаров Д.Б. яке аз масъалаи асосии самти растанипарвариро дар бар гирифта, омӯзишу таҳқиқи баъзе омилҳои агротехникии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ равона гардидааст. Унвонҷуй дар натиҷаи таҳқиқотҳои амалигашта тавсия медиҳад, ки барои гирифтани ҳосили фаровони дон ва бедаи серғизо чормағзи заминии навъи “Тоҷикӣ - 15” дар кишти ангорӣ дар даҳрӯзаи якӯмӣ моҳи июн баъд аз ҷамъоварии ҷави навъи “Пулоди” ба роҳ монда шавад.

Автореферати диссертатсияи Бегназаров Д.Б. аз ҷиҳати навгонӣ аҳамияти амалӣ таҳқиқоти арзишнок ба шумор рафта, барои раёсату идораҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, донишҷуёну илмомузони муассисаҳои илмию таълимӣ ҳамчун дастури методӣ истифода бурда мешавад.

Шароити кунонӣ тақозо менамояд, ки дар истеҳсолот системаи нави илман асоснокшудаи парвариши зироатҳо ба таври васеъ татбиқ карда шаванд. Барои заминҳои обии ҷумҳурӣ, ки самтҳои асосиашон истеҳсоли пахта, ғалла, сабзавоту картошка ва хӯроки чорво мебошад, ба мақсади руёнидани ҳосили фаровони онҳо ба роҳ мондани киштгардонҳои кӯтоҳдавр нақши муҳимро мебозад.

Парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ, баъд аз ҷамъоварии зироати ҷав аз ҷиҳати иқтисоди фоидавар буда, донаш барои истеҳсоли равғани истеъмолӣ ва хӯрока, тайёр кардани маводҳои қаннодӣ ва баргу пояаш ҳамчун хӯроки серғизои чорво истифода бурда мешавад.

Бори аввал дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони Марказӣ аз ҷонибӣ Бегназаров Д.Б. технологияи парвариши чормағзи заминӣ, аз

ҷумла мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ таҳқиқ карда шудааст, ки гирифтани 2 ҳосили донро дар 1 мавсим таъмин менамояд.

Аз хулосаи диссертатсияи Бегназаров Д.Б. бармеояд, ки аз муҳлати кишти чормағзи заминӣ дар даҳрӯзаи якуми моҳи июн (1.06) бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 га бо ҳосилнокии 32,9 с/га ғилофакҳо 10025 сомони фоидаи соф ва 210% манфиатноки ба даст оварда шудааст. Бо ҳосилнокии 24,1 с/га дон 13520 сомони фоидаи соф ва 197% манфиатноки гирифта шудааст.

Бинобар ҳамин диссертатсияи Бегназаров Д.Б., ба талаботи имрӯзаи соҳаи кишоварзии мамлакат ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи географияи иктисодӣ
ва методикаи таълими географияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав, номзади илмҳои кишоварзӣ
аз рӯи ихтисосӣ 06.01.01 – зироаткории
умумӣ, растанипарварӣ Раупов Ҷ.У.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67 e-mail: Ktsu 78@mail.
Тел: (+992-3222) 24520, 2022253

Имзои Ҷ.У. Рауповро тасдиқ мекунам
Сардори ШК ва корҳои махсуси МДТ
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.